**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна ба таҳлилу таҳқиқи рӯзгору осор, мероси адабӣ, мухтассоти осори бадеӣ ва нақши тарҷума дар фаъолияти эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки хусусиятҳои хусусиятҳои осори тарҷумавӣ ва афкори тарҷумашиносии Ҳабиб Аҳрорӣ бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Шинохт ва таъйиду таъйини арзишу аҳаммияти насри бадеии адиб, афкори тарҷумашиносӣ ва хусусиятҳои сабкию бадеии осори тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносӣ  мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи афкори тарҷумашиносӣ ва вежаҳои тарҷумаҳои адиб арзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона буда, фаъолияти эҷодӣ, махсусан, фаъолияти нависандагӣ, луғатнигорӣ, тарҷумашиносӣ ва тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ мавриди омӯзишу пажуҳиши вижа қарор гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба ҳунари тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ, таълифи таърихи адабиёти тоҷик, таърихи нақди адабӣ, адабиётшиносӣ ва навиштану мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷумаи бадеӣ ва  масоили марбут ба равобити адабӣ маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустакил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Исмоилова Дилором истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Нуров Нуралӣ Норович** – доктори илми филология, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

– **Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович –** номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Рустамова Г.Р.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Шозиёева Г.П.

доктори илми филология,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Одинаев Н.С.

«__8__» декабри соли 2023.